# Меъёри бозтамвил 0,5 банди фоизӣ паст карда шуд.

Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон №31 аз 25 октябри соли 2022 ҷиҳати 0,5 банди фоизӣ паст кардани меъёри бозтамвил ва дар сатҳи 13,0 фоизи солона муқаррар намудани он қарор қабул гардид. Қарори мазкур дар асоси дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолии дохилию берунӣ ба иқтисодиёт бо назардошти дар сатҳи ҳадафи муқаррааргардида қарор доштани сатҳи таваррум ва нисбатан беҳтар шудани интизориҳои таваррумии аҳолӣ қабул карда шуд.

***Сатҳи таваррум ва омилҳои ба он таъсиррасон.*** Дар соли ҷорӣ шиддат ёфтани вазъи геосиёсӣ дар минтақа ва ҷаҳон дар баробари пайомадҳои манфии пандемияи коронавирус (дар солҳои 2020 - 2021) ба ноустувории тамоми бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ ва озуқаворӣ мусоидат намуда, боиси коста гардидани занҷираи таъминоти молу маҳсулот, зиёдшавии хароҷотҳои логистикӣ, болоравии сатҳи нархҳо ва интизориҳои таваррумӣ, номутаносибии талабот ва пешниҳод ба маводи ғизоӣ, сӯзишворӣ, нуриҳои минералӣ, тағйирёбии қурби асъор ва ноустувории бахшҳои молиявии бисёр кишварҳо гардид. Афзоиши омилҳои таваррумии ҷаҳонӣ дар навбати худ ба сатҳи нархҳои дохилии кишвар ва интизориҳои таваррумии аҳолӣ таъсири бевоситаи худро расониданд.

Новобаста аз ин мушкилиҳо, дар натиҷаи фаъолияти пурсамари Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдори кишвар рушди иқтисодиёт ва сатҳи таваррруми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми нуҳ моҳи соли ҷорӣ муътадил нигоҳ дошта шуданд.

Тибқи маълумоти омори расмӣ сатҳи таваррруми солона дар моҳи сентябри соли ҷорӣ ба 5,7 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 3,9 банди фоизӣ кам мебошад. Дар давоми моҳҳои январ-сентябри соли ҷорӣ бошад, сатҳи таваррум 3,1 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,2 банди фоизӣ паст мебошад.